# МАЪЛУМОТНОМАИ АСОСНОККУНӢ
### ба лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 40-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар солҳои 2021-2025 дар солҳои 2021 -2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2021, №145 тасдиқ гардидааст ва банди 3 қарори протоколи ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (масъалаи 3-юми рӯзномаи он) аз 30 ноябри соли 2023 таҳия карда шудаанд.

Тағйиру иловаҳо моддаҳои 23, 200, 202, $202^2$, 204, 206 ва $206^1$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, инчунин ҷиҳати мушаххас намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моддаҳои сахтаъсир ба Кодекси ҷиноятӣ ворид намудани моддаҳои $206^2$-$206^5$ дар назар дошта шудааст.

Қобили зикр аст, ки замимаи №1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 2023 дар таҳрири нав тасдиқ гардида, дар он номгӯй ва миқдори растаниҳои дорои воситаҳои нашъадор пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қисми 2 моддаи 23, банди 3) эзоҳи моддаи 200 ва моддаи 204 Кодекси ҷиноятии амалкунанда калимаҳои «зироатҳои» ва «зироатҳое» мутобиқан ба калимаҳои «растаниҳои» ва «растаниҳое» иваз карда шаванд.

Дар моддаи 202 ва $202^2$ КҶ амалкунанда миқдори маводи нашъаовар барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс муқаррар карда нашудааст, ки ҳангоми бандубасти ҷинояткорон монеагиҳо эҷод мекунад. Бинобар ин, дар лоиҳаи таҳияшуда ин камбудиҳо бартараф карда шудаанд.

Бо дарназардошти он, ки айни ҳол диспозитсияи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 206 Кодекси мазкур миқдори моддаҳои сахттаъсирро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс муқаррар накардааст, дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми банду басти кирдори онҳо мушкилиҳои зиёдеро ба миён овардааст.

Мушкилии дигар дар он аст, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс бо қисми 2 моддаи $206^1$ Кодекси ҷиноятии амалкунанда ҳамчун шарти ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок танҳо дар ҳолати боиси тасарруф ва ё расонидани дигар зарари ҷиддӣ гардидан, муқаррар карда шудааст.

Бинобар ин, бо мақсади баратараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар лоиҳа ба моддаи 206 тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуда, моддаи $206^1$ дар таҳрири нав таҳия гардида, моддаҳои $206^2$-$206^5$ илова карда шуда, заминаи ҳуқуқӣ барои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани миқдорҳои кам, начандон калон ва калони моддаҳои сахттаъсир

барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятӣ муҳайё карда шудааст.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон